# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия пешниҳод гардидааст.

Дар самтҳои асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2040 ва дар давраи 20 соли оянда дар назди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва дигар илмҳои ба онҳо наздик вазифаи муҳим оид ба марказонидани саъюу кушишҳо барои коркарди роҳҳои самаранокии ба дастории маҳсулоти химиявӣ, биохимиявӣ, фарматсевтӣ ва ғайра гузошта шудааст.

Дар алоқа бо ин яке аз вазифаҳои муҳиме, ки дар назди химияи биоорганикӣ ва биохимия истодааст ин зарурати аз навкунӣ васеъсозии номгӯйи воситаҳои доруворӣ танзимкунандаҳои афзоиши растаниҳо бо роҳи синтези синфҳои нави пайвастаҳои биоорганикӣ ва биохимиявӣ ва омӯзиши мунтазами маҳсулотҳои фоидаовари онҳо мебошад. Бинобар ин омилҳои мухталифи химиявӣ метавонад боиси фаъол гардидани равандҳои физиологӣ ва биохимиявӣ, ки дар ғаладонагиҳо (растаниҳо) ба амал меоянд, оварда расонад. Аммо истифодаи амалии афзоиштанзимкунандаҳо дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ҷабҳаҳои мухталиф доранд: ин пеш аз ҳама барои баланд бардоштани афзоиши ҳосилнокии галадонагиҳо, тезонидани суръати ё муҳлати хубтар намудани сифати биохимиявии маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани устувории (нигоҳдории) растаниҳо ба бемориҳо ва ҳашаротҳои зараррасон ва шароити гуногуни экстремалӣ мусоидат менамояд.

Автореферати диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар асоси таҳқиқоти васеъи химиявӣ – биохимиявӣ ва морфофизиологӣ, як қатор масъалаҳои асосии илмӣ дар биохимия ва физиологияи растаниҳо, ки аҳамияти кишоварзӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор гирифта шуда, ҳалли худро ёфтанд. Равиши методологии дар кори С.Э. Асоев татбиқшуда ва натиҷаҳои таҷрибавии дар асоси он ба даст овардашуда, имкон додааст, ки дар бораи самаранокии истифодаи методи нави химиявӣ-биохимиявии коркарди тухмиҳои гандуми навъи «Наврӯз» ва «Ватан» бо мақсади беҳдошти нашъунамо, ҳифзи ниҳолҳо аз омилҳои берунӣ, инчунин беҳтар кардани қадкашӣ ва инкишофи растаниҳо, ҳам дар вақти нашъунамо ва ҳам дар тамоми раванди рушд ба роҳ монда шавад.

Автореферати диссертатсияи Асоев С.Э. актуалӣ буда дар он омӯзиши имкониятҳои таъсири маводҳои ҳосилаҳои аминокислотагию пептидии глитсерин, ки дорои аминокислотаҳо ва пептидҳо мебошанд ба нишондихандаҳои химиявию морфофизиологӣ, аз ҷумла ба энергияи

сабзиши тухмиҳо, қобилияти нешзани ва суръатбахшӣ, ба қадкашии растаниҳо омухта шудааст.

Натиҷаи корҳои илмию таҳқиқотии муаллифи диссертатсия дар семинару конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ Душанбе-2015-2024. Аз ҷумла: Душанбе-2015, конференсияҳои илмӣ-назариявии ҳайати омӯзгорону профессорон, кормандон, аспирантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе, солҳои 2015-2024 маърӯза шудааст.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия пешниҳод гардидааст таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Н.и.х. кафедраи ташхиси клиники озмоишгоҳи
МДТ ДДТТ ба номи
Абӯалӣ ибни Сино Махкамзода Бихамида Ҳусайн
Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н. Шоҳмансур
2-юм гузаргоҳи М. Назаршоев,
хонаи 3
Тел.: (+992) 93 537 74 72,
E-mail: mahkamova.bikhamida@mail.ru

Имзои Б.Ҳ. Махкамзода -ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати рушди кадрии МДТ "ДДТТ ба номи
Абуалӣ ибни Сино" , н.и.т. Сафаров Б.И.
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н. Сино, куч.Сино 29-31
Тел.: (+992) 446 600 3977, 235 34 96,
E-mail: info@tajmedun.tj
"20" 08 соли 2025